ДАВЛАТМУРОДОВ Ш. М.

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН



ДУШАНБЕ-2021

УДК: 330/336 (575.34)
ББК: 65 (2-тоҷик)
Д-134

**Муқарризон:**

1. **Иброҳимзода И.Р.**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. **Шарипов Б.М.**- доктори илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Бо қарори Шӯрои илмию методии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 4 аз 25.11.2020. барои чоп тавсия карда шудааст.

Бо қарори Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №04 аз 21.12.2020 барои чоп тавсия карда шудааст.

**Д-134 Давлатмуродов Ш.М. Такмили механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи Хатлон** [матн] . Монография / Ш.М. Давлатмуродов – Душанбе: Нашриёти ҶДММ "Хирадмандон" 2020.–188 саҳ.

Дар монография ҷанбаҳои назариявӣ-методологии такмили механизми дастгирии молиявии рушди минтақа ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои баландбардории самаранокии раванди таҳқиқшаванда дар асоси низоми амалкунандаи муносибатҳои буҷетии марказ бо вилояти Хатлон асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот оид ба муайян намудани сиёсати молиявӣ ва дастгирии молиявии рушди минтақа мушаххас гардида, мафҳуми муаллифии моҳияти механизми дастгирии молиявӣ бо дарназардошти батартибдарории фишангҳои молиявии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа тартиб дода шудааст. Дар монография таҷрибаи мусбати механизми дастгирии молиявии рушди минтақа аз тарафи марказ дар давлатҳои ягона, ки ба он Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил аст, таҳлил карда шудааст.

Монография барои устодон, донишҷӯён, аспирантон, магистрантон, инчунин ба ҳамаи шахсоне, ки оид ба масоили механизми дастгирии молияи давлатӣ ва маҳалӣ корҳои таҳқиқотӣ мебаранд, омода карда шудааст.

ISBN 978-99975-2-000-5 **©Давлатмуродов Ш.М.**

## МУНДАРИЧА

МУҚАДДИМА.................................................................3
**БОБИ I. ЧАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ РУШДИ МИНТАҚА**
1.1 Назарияи механизми дастгирии молиявии рушди минтақа ва такмили он.................................................................6
1.2 Асосҳои методологии тадқиқи механизми дастгирии молиявии рушди минтақа.................................................19
1.3 Тачрибаи дастгирии давлатии молиявии рушди минтақаҳо дар давлатҳои хоричӣ..............................................32
**БОБИ II. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ-ИЧТИМОИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДАВРАИ СОЛҲОИ 2008-2019**
2.1 Вазъи ҳозираи ҳолати молиявӣ-иқтисодии вилоят ва самтҳои афзалиятноки рушди он.....................................................54
2.2 Таҳлил ва тамоюли фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар вилоят .......................................................70
2.3 Таҳлил ва баҳодиҳӣ ба дастгирии буҷетии рушди вилоят дар солҳои 2008-2019.........................................................86
**БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД**
3.1 Манбаъҳои молиявии худидоракунӣ-омили асосии рушди минтақа.................................................................101
3.2 Механизми дастгирии буҷетии рушди иқтисодӣ-ичтимоии вилоят ва такмили он дар оянда..........................117
3.3 Стратегияи рушди минтақа, баъзе муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо.................................................................133
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО**.........................................150
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ................. 153
**ЗАМИМАҲО**.................................................................173

# МУҚАДДИМА

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ қариб ҳамаи ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ бо мушкилотҳои зиёди хусусияти гуногундошта гирифтор гардиданд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ин мушкилот дар баробари аз байн рафтани алоқаҳои хоҷагии байнисоҳавӣ ва байниминтақавии онвақта, инчунин бо ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табиии нимаи аввали солҳои навадуми асри XX шиддатнок гардиданд, ки онҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳида, пеш аз ҳама ба иқтидори истеҳсолии он зарари калони моддӣ расониданд. Мувофиқи маълумоти коршиносони (экспертҳои) ташкилотҳои байналмилалӣ маблағи умумии зарари мустақими ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ расонидашуда бо нархҳои ҳамонвақта беш аз 7 миллиард доллари ИМА–ро ташкил дод. Дар айни замон, Тоҷикистон, ки роҳи демократии рушдро интихоб намудааст, ба иқтисодиёти бозорӣ, мақсадҳои иҷтимоӣ ва молиявии муосир ҷонибдор мебошад.

Чи тавре ки маълум аст, минтақаҳои Тоҷикистон бо хусусиятҳои хосси шароитҳои геополитикӣ, иқтисодӣ, нақлиётӣ, коммуникатсионӣ, демографӣ ва табиӣ-иқлимии худ фарқ мекунанд. Дар умум, онҳо сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ин ё он ноҳия, вилоят, минтақаро муайян месозанд. Ин сатҳҳо зуд-зуд аз ҳамдигар ба таври назаррас фарқ мекунанд ва барои фаҳмидани он ки чаро чунин вазъият вуҷуд дорад, таҳқиқотҳои амиқи илмӣ зарур мебошанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ худхароҷотбарорӣ ва худмолиягузорӣ талаботи хосси фаъолияти на танҳо субъектҳои хоҷагидорӣ, балки ҳар як соҳаи иқтисодиёт ва минтақа гардида истодаанд. Дар ин ҳолат масъалаи аввалиндараҷа ин таъминоти тавозунии даромадҳо ва хароҷотҳои ҳар як минтақа ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ сатҳи гуно-гуни рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дошта, дар тафовут аз якдигар дар шароити гуногуни худтаъминкунӣ қарор доранд. Ҳамин

тавр, минтақаҳои Душанбе ва Суғд ҳамчун минтақаҳои тараққикардаи саноативу тиҷоратӣ шуморида шуда, инро нисбати вилояти калонтарини ҷумҳурӣ–Хатлон ба таври дигар метавон арзёбӣ намуд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ барои баробарсозии сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо батанзимдарории давлатиро бояд ҳамчун талаботи объективӣ ва зарурӣ шуморид.

Омӯзиши назария ва амалияи баробарсозии молиявӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳо нишон медиҳад, ки усулҳои тавозуни амудӣ ва уфуқии дар буҷетҳои зинаҳои гуногун истифодашаванда номукаммал буда, оқибат ба нобаробар тақсим шудани захираҳо миёни минтақаҳо оварда расонид.

Яке аз масъалаҳои муҳими батанзимдарории дараҷаи рушди минтақаҳо ва ташкили муносибатҳои байни буҷетии сохторҳои марказӣ бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таркиби молиявии он буда метавонад, чунки тамоми амалиёти хоҷагидорӣ ҳалли худро танҳо ҳангоми таъмин будан бо захираҳои молиявӣ пайдо месозанд, ки мавзӯи таҳқиқоти пешниҳодшуда мубрам мебошанд.

Механизми дастгирии молиявии рушди минтақаҳо – ин он мушкилотест, ки то ҳол баҳснок буда, ҳалли худро тақозо менамояд. Дар давоми солҳои зиёд механизми дастгирии молиявии рушди минтақаҳо, ҳамчун қисми таркибии сиёсати молиявии давлат ва предмети таҳқиқоти олимон-иқтисодчиён ва ҷомеашиносони ҷумҳурӣ, ба таҳлили ҳамаҷониба, фаро гирифта нашудааст ва инро низ дар як монография ҷамъ овардан ғайри имкон аст.

Ҳамчун нуктаҳои таҳқиқот, аз рӯи таҷриба муайян гардидааст, ки ҳангоми ворид намудани моделҳои пешниҳод гардида ва пешниҳодҳои таҳқиқгардида ба такмили механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо, пурзӯргардии заминаи даромади буҷети минтақа, баландбардории ҳавасмандии иқтисодӣ ва ҳисси ҷавобгарии сохторҳои идоракунии ҳокимияти давлатии вилоятҳо мусоидат менамояд.

ДАВЛАТМУРОДОВ Ш. М.

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН

**Монография**

Ба матбаа 08.02.2021 супорида шуд.
Ба чопаш 13.02.2021 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 11,75.
Супориши №55. Адади нашр 500 нусха.
Матбааи ЧДММ "Хирадмандон"